**ЎЗБЕКИСТОН РЕСПУБЛИКАСИ ОЛИЙ ВА ЎРТА МАХСУС ТАЪЛИМ ВАЗИРЛИГИ**

**САМАРҚАНД ДАВЛАТ УНИВЕРСИТЕТИ**

Рўйхатга олинди:
№ БД–60230100–1,22
202_1_ йил "_21_" _август_

"ТАСДИҚЛАЙМАН"
Р.И.Халмурадов
______________
202__ йил "___" _____

# ЖАҲОН ВА ЭРОНИЙ ХАЛҚЛАР АДАБИЁТИ
**фанидан**
**ФАН ДАСТУРИ**

| | | |
|---|---|---|
| Билим соҳаси: | 200 000 | -Гуманитар ва санъат |
| таълим соҳаси: | 230 000 | -Гуманитар фанлар |
| Таълим шўъбаси, ихтисос. | 60230100 | -Филология ва тилларни ўқитиш: тожик тили |

**Самарқанд - 2021**

<table>
<tr><td colspan="2">Фан/Коди модул<br>JVEXAM2007<br>(бакалавриат/<br>магистратура)</td><td colspan="2">Соли хониши<br>20___-20___</td><td>Семестри<br>3, 4, 5</td><td colspan="2">ECTS-Кредитҳо<br>4</td></tr>
<tr><td colspan="2">Фан/ Намуди фан:<br>Маҷбурӣ</td><td colspan="3">Забони таълим<br>Ўзбекӣ/Тоҷикӣ</td><td colspan="2">Ҳаҷми соатҳои ҳафтаинаи дарс<br>4</td></tr>
<tr><td rowspan="2">1</td><td colspan="2">Номи фан</td><td colspan="2">Машғулотҳои аудиторӣ (соат)</td><td>Таълими мустақил (соат)</td><td>Ҷамъи сарборӣ (соат)</td></tr>
<tr><td colspan="2">Таърихи адабиёти ҷаҳон ва халқҳои эронӣ</td><td colspan="2">90</td><td>120</td><td>210</td></tr>
<tr><td>2</td><td colspan="6">
I. Мазмуни фан<br>
Фанни «Таърихи адабиёти ҷаҳон ва халқҳои эронӣ» бояд барои муайян намудани мавқеи адиб дар ҷамъият, дар ҳамаи асру замонҳо ғояи маърифӣ - маънавӣ доштани асарҳои вай, пайваста бо фарзанди замони худ будан барои ҷамъияти инсонӣ асарҳои ҷовидона эҷод кардани ӯ хизмат намояд. Дар ҷараённи омӯхтани адабиёти минтақа, гурӯҳ ва ё халқҳои ҷудогона равобити онҳо бо адабиёти тоҷику ўзбек вобаста карда мешавад. Инчунин дастури мазкур барои амиқу дақиқ фаҳмидани таърихи ташаккули адабиёти халқҳои ҷаҳон ҳамчун дастуруламал хизмат хоҳад кард. Мақсад аз омўзондани фан – ба донишҷўён дар пайвастагӣ бо ғояҳои истиқлоли миллӣ дар бораи тараққиёти таърихии адабиёти Эрону Афғонистон ва омилҳои инкишофу инқирози он маълумот додан; оид ба ҷиҳатҳои муштарак ва хосаи адабиёти тоҷикӣ, эрониву афғон ҳосил гардонидани тасаввурот иборат аст.<br>
Мақсад аз омўхтани фанни «Таърихи адабиёти халқҳои ҷаҳон ва эронӣ» аз ҷониби донишҷўёни факултаҳои филологияӣ иборат аз он аст, ки толибилмон бояд оиди таърихи ташаккули адабиёти ҷаҳон ва давраҳои рушди он, асосҳои назарию илми адабиёти дунё шиносо гарданд, дар бораи хусусиятҳои муҳимтарини адабиёти халқҳои ҷаҳон, асарҳо ва дурдонаҳои адабиёти халқҳои ҷаҳон маълумот дошта, дар таҳлили асарҳои бадеӣ малакаи муайянро соҳиб бошанд.<br>
Вазифаи фанни «Таърихи адабиёти ҷаҳон ва эронӣ» аз инҳо иборат аст: ба мутахассисон – филологҳои оянда доир ба таърихи ташаккул ва инкишофи адабиёти халқҳои гуногуни олам – аз эҷодиёти даҳонакии халқ, афсонаву асотирҳои Юнони қадим сар карда, то манзараҳои умумии адабиёти имрўза – замони инкишофи илму техникаи муқтадир маълумот додан; дар контексти адабиёти форсу тоҷик таҳлилу баррасӣ намудани таърихи адабиёти халқҳои ҷаҳон, дар асоси дастовардҳои беҳтарин адибони халқҳои гуногуни олам оиди пайдоиш ва инкишофи ҷинс ва жанрҳои адабӣ,
</td></tr>
</table>

равия, ҷараённ ва услубҳои эҷоди бадеӣ дониши онҳоро нисбати таърихи тараққиёти адабиёти ҷаҳонӣ афзудан; мавқеи адабиёти бадеиро дар инкишофи тафаккури миллӣ ва маънавию фарҳангӣ муайян намуда, онро дар мисоли асарҳои адибоне, ки аз ҷониби башарият эътироф шудааст, фаҳмонидан.

## ҚИСМАТИ АСОСИИ НАЗАРӢ (машғулотҳои маърузавӣ)

### II.I. Ба таркиби фан мавзӯъҳои мазкур дохил мешавад:

### Мавзӯи 1. Маълумот дар бораи фанни «Таърихи адабиёти ҷаҳон» ва маводи он.

Тамаддуни ҷаҳонӣ ва адабиёти бадеӣ. Равобит ва ҳамбастагӣ яке аз омилҳои асосии инкишофи адабиёти халқҳои олам. омӯхта шудани таърихи адабиёти халқҳои ҷаҳон дар асру замонҳои гуногун. Зарурияти омӯхтани таърихи адабиёти ҷаҳон дар рӯзҳои мо. Дараҷаи омӯхта шудани он аз ҷониби олимон. Моҳияти ба минтақаҳо ва гурӯҳҳо тақсим карда омӯхтани адабиёти халқҳои ҷаҳон.

### Мавзӯи 2. Адабиёти Юнон ва Рими қадим.

Эҷодиёти даҳонакии халқ ва асотирҳои Юнони қадим. Ёдгориҳои замони қадим. Достонҳои Гомер «Илиада» ва «Одиссея». Маданияти Юнони қадим то милод. Пайдоиши лирика ва навъҳои он. Мавзӯъ ва мундаричаи асарҳои Гесиод, Тертей, Сапфе. Давраи қадимаи адабиёти Юнон. Эҷодиёти Эсхил, Софокл, Эврипид, Аристофан. Таъсири адабиёти Юнони қадим ба инкишофи адабиёти асрҳои минбаъдаи ҷаҳон. Адабиёти Рим. Шароити таърихии пайдоиши адабиёти Рим. Аз чиҳати мазмун ва шакл боло рафтани адабиёти Рим. Мавқеи вай дар ишкишофи адабиёти Аврупо. Робитаҳои адабии Юнону Рим. Асри Август – давраи гулгулшукуфии адабиёти Рим. Эҷодиёти Вергелий, Горатсий ва Овидий. Давраи охири адабиёти Рим. Апулей ва аҳамияти эҷодиёти ӯ барои равнақи минбаъдаи адабиёт.

### Мавзӯи 3. Адабиёти асрҳои миёна.

Дар заминаи мероси ниёгон ба вучуд омадани адабиёти асрҳои миёна. Се равияи адабиёти асримиёнагӣ ва моҳияти онҳо. Адабиёти шифоҳӣ-халқӣ, адабиёти ритсарӣ-куртуазӣ, адабиёти динӣ-клерикиалӣ. Ҳамосаи қаҳрамонии француз «Суруд дар бораи Роланд». Ҳамосаи қаҳрамонии немис. Пайдоиши адабиёти ритсарӣ ва робитаҳои он бо адабиёти Шарқ. Осори хамосавии халқҳои дигари аврупо ва хусусиятҳои муҳимтарини онҳо. Анвои жанрӣ ва хусусиятҳои муҳими онҳо. Адабиёти шаҳр дар асрҳои миёна. Мавқеи ҳачв дар адабиёти ин давра.

### Мавзӯи 4. Адабиёти давраи Эҳё.

Маълумот дар бораи мафҳуми «Давраи Эҳё». Моҳияти ин давра. Давраи Эҳё ва адабиёти Шарқ. Давраи Эҳё дар Итолиё ва Испониё. Марҳилаҳои инкишофи адабиёти Итолиё дар давраи Эҳё. Петрарка – намояндаи барҷастаи адабиёти ин давра. Жованни Боккаччо ва асари ӯ «Декамерон». Михел де Сервантес ва асари ӯ «Дон Кихот». Давраи эҳё дар Фаронса ва Инглистон. Давраи Эҳё дар Фаронса. Омилҳои пайдоиши

| | |
|---|---|
| | адабиёти ин давра. Инсонпарварӣ дар эҷодиёти Франсуа Рабле. Давраи Эҳё дар Инглистон. Вазъи ҳаёти иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва мадании асрҳои 14 – 16. Инкишофи адабиёти бадеӣ, драма ва театри инглис. Фоҷеааномаҳои Шекспир: «Ҳамлет», «Отелло», «Шоҳ Лир», «Ромео ва Ҷулетта». Мавзӯъ ва ғояи ин асарҳо.<br>**Мавзӯи 5. Адабиёти Аврупои Ғарбӣ дар асри XVII.**<br>Классисизми ғарб ва намояндагони он. Жон Милтон – намояндаи адабиёти инглис дар ин давра. Адиби испан Лопе де Вега ва асари ӯ «Чашмаи гӯсфандон». Маълумот дар бораи намояндагони адабиёти ин давраи Фаронса. Пиер Корнел, Лафонтен, Буало ва Жан Расин. Адабиёти маърифатпарварии Аврупо дар асри XVII. Пайдоиши адабиёти маърифатпарварӣ дар Аврупо ва заминаҳои он. Даниел Дефо ва романи ӯ «Робинзон Крузо». Мавқеи Жонатан Свифт дар адабиёти ҷаҳонӣ. Романи «Саёҳати Гуливер» ва моҳияти ичтимоии он. Адабиёти маърифатпарварии Фаронса. Мавқеи Мери Аруэ Волтер ва Дени Дедро дар он. Жан Жак Руссо – асосгузори сентиментализми Фаронса. Драмаҳои Бомарше. Лессинг ва Шиллинг – намояндагони адабиёти маърифатпарварии немис. Иоганн Волфранг Ҳете – адиби бузурги немис. Мавқеи «Девони Мағрибу Машриқ» ва «Фауст» дар эҷодиёти Ҳете.<br>**Мавзӯи 6. Адабиёти Аврупо дар асри XIX .**<br>Пайдоиш ва инкишофи романтизм ва реализм дар адабиёти Аврупои давра. Намояндагони барҷастаи адабиёти асри XIX: Виктор Гюго, Стен Мериме, Балзак, Диккенс. Мавқеи онҳо дар адабиёти ҷаҳонӣ.<br>**Мавзӯи 7. Адабиёти асри XX дар Аврупо.**<br>Инкишофи реализми танқидӣ. Ҷараённ ва майлҳои гуногуни адабӣ. Намояндагони адабиёти ин давраи Фаронса: Э.Пете, Ги де Мопассан, Эмил Золя. Ақидаҳои инсонпарварӣ дар эҷодиёти адиби немис Томас Манн. Драмаҳои Бернард Шоу. Шӯҳрати ҷаҳонии эҷодиёти Луи Арагон, Анна Зегерс.<br>**Мавзӯи 8. Адабиёти Амрико дар асри XX.**<br>Равия, чаран ва услубҳои эҷодии адибони Амрикои асри XX . Намояндагони барҷастаи адабиёти Амрико: Марк Твен, Чек Лондон, Эрнст Хеменгуей, Теодор Драйзер. Робитаҳои адабии тоҷику ӯзбек бо адибони ҷаҳони асри XX .<br>**Мавзӯи 9. Адабиёти халқҳои мамлакатҳои ҳамдӯстӣ.**<br>Як чузъи адабиёти ҷаҳонӣ будани адабиёти халқҳои мамлакатҳои ҳамдӯстӣ. Омилҳои ба гурӯҳҳо тақсим карда омӯхтани ин қисми адабиёти ҷаҳон. Дараҷаи омӯхта шудани он. Пайвандҳои адабӣ дар гузашта ва замони мо. Мақоми тарҷумаи бадеӣ дар инкишофи адабиёти миллӣ. Инкишофи адабиёти миллӣ дар партави пайванду ҳамбастагӣ. Адабиёти халқҳои славяни шарқӣ. Муштаракй дар эҷодиёти даҳонакии халқ ва ёдгориҳои қадимаи хаттии халқҳои славяни шарқӣ. Оғози китобчопкунӣ дар Русия ва инкишофи адабиёти бадеӣ. Солномаҳо. Пайдоиш ва инкишофи ҷараённ ва услубҳои эҷодии классисизм ва сентименталзм дар Русия. |

Адабиёти рус дар асрҳои XVIII- XIX. Реализми танқидии рус ва намояндагони он: И.А.Крилов ва масалҳои ӯ. Эҷодиёти А.С.Пушкин ва М.Ю.Лермонтов. Лев Толстой ва эҷодиёти ӯ. Ҳамзамонони Толстой. Антон Павлович Чехов ва эҷодиёти ӯ. Марҳилаҳои инкишофи адабиёти рус дар асри XX. Бо вазъи ҳаёти сиёсй– иҷтимоӣ вобаста будани он. Мавзӯъ ва жанрҳои адабиёти ин давра. Реализми сотсиалистӣ ва хусусиятҳои ба худ хоси ин услуби эҷодӣ. Чиҳатҳои хуб ва баҳсталаби он. Мавқеи адабиёти асри XX дар адабиёти ҷаҳонӣ.

**Мавзӯи 10. Адабиёти украин ва белорус давраҳои тараққиёти онҳо.**

Пайдоиши адабиёти украин ва заминаҳои он. Марҳилаҳои тараққиёти адабиёти украин. Сковорода ва эҷодиёти ӯ. Иван Франко – намояндаи адабиёти мумтози украин. Тарас Шевченко ва эҷодиёти ӯ. Мавзӯъ ва мундаричаи ғоявии адабиёти украин дар асри XX. Робитаҳои адабии тоҷику украин. **Адабиёти белорус.** Дар партави равобит ва ҳамбастагӣ бо халқҳои русу украин ба вуҷуд омадани адабиёти белорус. Марҳилаҳои тараққиёти адабиёти белорус. Якуб Колас ва эҷодиёти ӯ.

**Мавзӯи 11. Адабиёти халқҳои Кавказ ва Закавказе.**

Равобит ва ҳамбастагӣ дар офариниши адабиёти даҳонакии халқҳои минтақа. Ягонагии мавзқъ ва мундаричаи ғоявии онҳо. Адабиёти озарбойҷон ва марҳилаҳои тараққиёти он. Муҳаммад Фузулӣ – намояндаи барҷастаи адабиёти мумтози озарбойҷон. Адабиёти маърифатпарварии Озарбойҷон ва намояндагони он. Эҷодиёти Мирзо Фатҳалӣ Охундов. Мавзӯъ ва ғояи мазҳакаҳои Охундов. Инкишофи адабиёти Озарбойҷон дар асри XX. Намояндагони адабиёти ин давра: Самад Вурғун, Мамадсаид Урдубодӣ, Меҳди Ҳусайн, Мирзо Иброҳимов. Робитаҳои адабии тоҷику озар. **Адабиёти гурҷӣ ва марҳилаҳои тараққиёти он.** Пайдоиш ва марҳилаҳои инкишофи адабиёти гурҷӣ. Шота Руставелӣ ва асари ӯ «Палангинапӯш». Адабиёти гурҷӣ дар асри XX. Нодар Думбадзе ва эҷодиёти ӯ. **Адабиёти арман ва марҳилаҳои тараққиёти он.** Пайдоиш ва инкишофи адабиёти арман. Инъкоси муборизаҳои мардум барои ба даст даровардани истиқлол дар асарҳои адибони давраҳои гуногун. Ованес Туманян ва эҷодиёти ӯ. Мавзӯъ ва мундаричаи эҷодиёти адибони арман дар асри XX. **Адабиёти халқҳои дигари минтақаи Кавказ ва Закавказе.** Сермиллат будани халқҳои минтақа. Инкишофи адабиётҳои миллӣ дар минтақа. Маълумот дар бораи адабиёти халқҳои ҷудогонаи Кавказ. Мавқеи адабиёти авар ва намояндагони он. Расул Ҳамзатов ва эҷодиёти вай. Мавзӯи Ватан ва забони модарӣ дар эҷодиёти адиб. Китоби «Доғистони ман». Робитаҳои адабии тоҷику ӯзбек бо халқҳои ин минтақа.

**Мавзӯи 12. Адабиёти халқҳои Осиёи Марказӣ.**

Муштаракӣ дар асарҳои эҷодиёти даҳонакии халқ ва адабиёти хаттии гузаштаву имрӯзаи халқҳои минтақа. Дар партави равобит ва ҳамбастагии иқтисодиву ичтимоё инкишоф ёфтани равобити адабӣ. Адабиёти туркман ва марҳилахои инкишофи он. Ҳамосаҳои халқӣ ва мавзӯву мундаричаи ғоявии онҳо. Махдумқулӣ ва эҷодиёти вай. Адабиёти туркман дар асри XX.

Эҷодиёти Бердӣ Карбобоев, Хидир Деряев, Нурмурод Сарихонов, Қилич Қулиев. **Адабиёти қазоқ ва қирғиз даврахои тараққиёти он.** Мавқеи суруд, афсона ва достонҳо дар адабиёти мардумии қазоў. Пайдоиш ва инкишофи адабиёти хаттии қазоқ. Маърифатпарварони қазоқ: Чокан Валихонов, Ибрай Олтинсарин. Абай ва эҷодиёти ў. Мавзўъ ва ғояи достонҳои «Искандар» ва «Масъуд». Адабиёти асри XX. Эҷодиёти Мухтор Авезов, Собит Муқанов, Ўлчас Сулаймонов. **Адабиёти қирғиз.** Эҷодиёти даҳонакии халқ. «Манас» ва эҷодкорони он. Оқинҳои халқӣ. Эҷодиёти Тўхтагул Сотилганов. Пайдоиш ва инкишофи адабиёти хаттии қирғиз. Чингиз Айтматов ва хусусиятҳои ба худ хоси эҷодиёти ў. Мавзўъ ва ғояи қисса ва романҳои Чингиз Айтматов. Инъкоси муаммоҳои умумбашарӣ дар эҷодиёти адиб. Мар Бойчиев ва асари ў «Баҳс».

**Мавзӯи 13. Адабиёти туркман ва қароқалпоқ.**

Эпоси халқии туркман. Намояндагони асосии адабиёти туркман. Махдумқулӣ ва фаъолияти эҷодии вай. Вакилони адабиёти муосири туркман. Маълумот дар бораи халқи қароқалпоқ ва адабиёти он. Мавқеи достонҳои мардумии «Маспошо» ва «Чилдухтарон» дар эҷодиёти даҳонакии халқ. Бердахшоир ва эҷодиёти ў. Адабиёти муосири қароқалпоқ ва намояндагони он. Эҷодиёти Тўлепберген Қаипбергенов.

**II.I. Ба таркиби фан мавзӯъҳои мазкур дохил мешавад:**

**Мавзӯи 1. Мақсад ва вазифаҳои омӯзиши фанни «Адабиёти халқҳои эронӣ ва афғон».**

Пайванди узвию маънавии адабиёти форсизабон дар Эрону Афғонистон, Мовароуннаҳру Хуросон ва Ҳинду Покистон. Нигоҳе иҷмолӣ ба таърихчаи сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии ин кишварҳо. Сарчашмаҳои мавриди омӯзиши давраҳои мазкури таърихӣ.

**Мавзӯи 2. Аҳволи сиёсию иҷтимоӣ ва илмию маданӣ дар нимаи дуюми асри XVIII ва нимаи дуюми асри XIX.**

Ба сари ҳукумати Эрон омадани сулолаи Қоҷориён. Адабиёти аҳди Қоҷор. Барқарор шудани анъанаҳои адабӣ дар муҳити дарбор. Қувват гирифтани сабки бозгашт. Ҷунбиши маорифпарварӣ дар Эрон ва омилҳои ба вуҷуд омадани ин наҳзат. Модернизаи Аббос Мирзои Қоҷорӣ. Нашри аввалин рӯзномаҳои форсӣ.

**Мавзӯи 3. Адабиёти маорифпарварии Эрон: таҳаввули назм ва наср.**

Намояндагони адабиёти маорифпарварии Эрон. Зайнулобидини Мароғаӣ ва мавқеи романи "Саргузашти Иброҳимбек"- и ӯ дар ташаккули насри муосири Эрон. Абдураҳим Толибов ва қиссаи "Китоби Аҳмад".

**Мавзӯи 4. Адабиёти муосири Эрон ва давраҳои инкишофи назм. Ташаккули шеъри нав. 2 соат**

Адабиёти замони Машрута, замони Паҳлавиён ва баъд. Заминаҳои ташаккули шеъри нави форсӣ. Баҳси шоирони суннатгаро ва навгаро.Шоирони нававари эронӣ. Анвои шеъри нав ва мушаххасоти он.

**Мавзӯи 5. Нимо Юшиҷ – падари шеъри нави форсӣ дар Эрон**.

Зиндагиномаи Нимо Юшиҷ. Маҷмӯаҳои ашъори Нимо ва мӯҳтавои онҳо.

**Мавзӯи 6**. **Шоирони нововари номдори Эрон. Пайравони Нимо. 2 соат**

Вижагиҳои ашъори Маҳдӣ Ахавони Солис, Аҳмади Шомлу, Сӯҳроби Сипеҳрӣ ва Фурӯғи Фаррухзод. Сабк ва услуби хоси ашъори шоирони модернисти эронӣ.

**Мавзӯи 7. Адабиёти Афғонистон. Таърихчаи мухтасари ҳаёти сиёсиву фарҳангӣ. Адабиёти муосири Афғонистон. 2 соат**

Вазъи инкишофи ҳаёти иҷтимоиву сиёсӣ ва фарҳангии Афғонистон дар замони Нодиршоҳи Афшор, ҳукумати сулолаи Дурриниён, мудохилаи англисҳо ба сиёсати кишвар. Сар задани ҳаракати ҷавонафғонон ва интишори наҳзати маорифпарварӣ.

Вижагиҳои ба худ хос ва вакилони намоёни адабиёти муосири афғон. Ҷанги хонаводагӣ ва ба вуҷуд омадани шеъри муҳоҷират. Хусусияти жанрӣ ва мундариҷаи ғоявии ашъори шоирони муосири афғон.

**Мавзӯи 8. Назми форсизабони Ҳиндустон ва Покистон дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX. 2 соат**

Давраҳои аввал ва сонии таърихи забони форсӣ дар Ҳинду Покистон. Нуфуз ва эҷтибори забони форсӣ дар доираҳои расмию адабӣ ва илмии Ҳинд. Адабиёти аҳди "Салотини Деҳлӣ" ва империяи Бобур. Назми форсӣ дар музофот ва вилоёти мулки Ҳинд. Намояндагони барҷастаи назми форсӣ дар ҳавзаҳои адабӣ. Инкишофи шеъри форсӣ дар Покистон. Муҳаммад Иқбол ва мавқеи ӯ дар адабиёти давраи мазкур.

**Мавзӯи 9. Насри муосири Эрон ва намояндагони он**.

Адибони муосири Эрон. Доира мавзӯи осори бадеии онҳо. Жанрҳои маъмул дар насри муосир. Вижагиҳои насри муосири Эрон

**Мавзӯи 10. Шеъри имрӯзи Эрон ва Афғонистон**

Намояндагони шеъри имрӯзи Эрон ва Афғонистон. Равобити адабии Эрон ва Афғонистон бо адабиёти ҳамзабон. Омӯзиши ин раванд дар адабиётшиносии муосири форсӣ

реферат ва гузаронидани тақдимот тавсия карда мешавад.

**II. Тавсия ва нишондодҳо оиди машғулоти амалӣ**

Мавзӯъҳои машғулоти амалӣ аз рӯи фанни мазкур дар қарори зайл аст:

1. Тартиб додани феҳристи адабиёти илмӣ ва осори тарҷумашудаи адибони машҳури ҷаҳон.
2. Дараҷаи омӯхта шудани таърихи адабиёти ҷаҳон аз ҷониби олимони тоҷик ва ӯзбек
3. Пайвандҳои адабӣ ва намудҳои он
4. Мақоми тарҷумаи бадеӣ дар инкишофи адабиёти миллӣ.
5. Мавзӯъ, мундарича ва жанрҳои адабиёти Юнони қадим.

| | |
|---|---|
| | 6. Ҷараённ ва услубҳои эҷодии адибони Аврупо дар Асрҳои Миёна.<br>7. Адабиёти давраи Эҳё дар Аврупо<br>8. Адабиёти маърифатпарварии Аврупо ва ғояҳои асосии он.<br>9. Доираи мавзўъ ва жанрҳои адабиёти Аврупои Ғарбӣ дар асрҳои Х1Х ва ХХ<br>10. Адабиёти Амрико дар асрҳои Х1Х ва ХХ<br>11. Омилҳои ба гурўҳҳо тақсим карда омўхтани адабиёти халқҳои мамлакатҳои ҳамдўстӣ<br>12. Таваҷҷўҳи адибони Аврупои ғарбӣ ба адабиёти мумтози Шарқ<br>13. Равобит ва ҳамбастагии адабиёти халқҳои славяни шарқӣ.<br>14. Хусусиятҳои сермиллатӣ дар адабиёти халқҳои Кавказ ва Закавказье<br>15. Ҳамоҳангии эҷодиёти адибони маърифатпарвари Осиёи Марказӣ.<br>16. Муносибати инсон ва табиат дар асарҳои адибони муосир.<br>Машғулотҳои амалӣ дар аудиторияи бо воситаҳои мултимедӣ ҷиҳозноккунонидашуда ба як гурўҳи академикӣ аз тарафи як муаллим бояд гузаронида шавад. Машғулотҳоро бо ёрдами усули фаъол ва интерфактив ба роҳ мондан, инчунин аз технологияҳои педагогӣ ва ахборотӣ самаранок истифода намудан ба мақсад мувофиқ аст.<br>**I. Тавсия ва нишондодҳо оиди машғулоти амалӣ**<br>**(Адабиёти халқҳои эронӣ)**<br>Мавзўъҳои машғулоти амалй аз рўи фанни мазкур дар қарори зайл аст:<br>• Шуарои аҳди Қоҷория: вижагиҳои ашъори Муҳам-мадтақӣ Баҳор<br>• Шуарои аҳди Қоҷория: вижагиҳои ашъори Парвини Этисомӣ<br>• Назми аҳди Машрута ва хусусиятҳои он. Вакилони намоёни назми маорифпарварии Эрон: Эраҷ Мирзо<br>• Назми аҳди Машрута ва хусусиятҳои он. Вакилони намоёни назми маорифпарварии Эрон: Абулқосим Лоҳутӣ –шоири инқилобӣ<br>• Маҳмуди Тарзӣ ва фаъолияи иҷтимоиву адабии ў<br>• Вижагиҳои шеъри форсизабони Ҳинду Покистон дар асрҳои XIX ва ибтидои асри XX<br>• Вижагиҳои шеъри Нимо Юшич ва назари ў ба шеъри нав<br>• Тасвири дунёи зан ва ормонҳои занона дар ашъори Фурўғи Фаррухзод<br>• Симини Беҳбаҳонӣ ва мундариҷаи ғоявии ашъори ӯ<br>• Таҳлили шеъри "Тасвири бузург, ойинаи кӯчак"и шоири муосири афғон Партав Нодирӣ<br>• Вазъи инкишофи адабиёти Эрон дар асрҳои миёна: аҳди Сафавиён, Нодиршоҳи Афшор<br>• Ҳаёти адабӣ дар нимаи дуюми асри ХУIII ва нимаи аввали асри XIX. Наҳзати адабии "бозгашт".<br>• Ҷунбиши маорифпарварӣ ва таъсири он ба адабиёти эронӣ<br>• Пажӯҳишоти муҳими илмӣ дар боби адабиёти муосири Эрону Афғонистон ва назми форсизабони Ҳинду Покистон. Аҳамияти онҳо |

| | | |
|---|---|---|
| | | дар рушди адабиёт ва илми адабиётшиносии форсӣ<br>• Мақоми Иқболи Лоҳурӣ дар шеъри форсӣ ва мундариҷаи ғоявии назми ӯ<br>• Масъалаи инкишофи насри бадеӣ дар Эрони муосир<br>• Масъалаи пайравии шоирони муосири афғон ва тоҷик аз шоирони модернисти Эрон<br>**II. Таълими мустақилона ва корҳои мустақилона**<br>Аз рӯи фанни мазкур мавзӯъҳои зерин пешниҳод карда мешавад:<br>1. Тартиб доданги феҳристи асарҳои ба филологияи тоҷик тарҷумашудаи адибони халқҳои гуногуни ҷаҳон.<br>2. Дар осорхонаҳои адабии Самарқанд ташкил намудани экскурсияҳо ва муайян намудани робитаҳои адибони Самарқанд бо адибони халқҳои гуногуни ҷаҳон.<br>3. Бо салоҳдиди устоди фан ба филологияи тоҷик тарҷума намудани осори ягон адиби халҳқои гуногуни ҷаҳон.<br>4. Дарёфти сужетҳои сайёр аз саҳфаҳои таърихи адабиёти ҷаҳон.<br>5. Тавассути интернет пайдо намудани маълумот доир ба адабиёти клсассикӣ ва муосири халқҳои гуногуни олам.<br>6. Ҳамоҳангии эҷодиёти адибони маърифатпарвари Осиёи Марказӣ ва адабиёти халқҳои ҷаҳон.<br>7. Муносибати инсон ва табиат дар асарҳои адибони муосир ҳамчун масъалаи глобалӣ.<br>8. Муаммоҳои умуминсонӣ дар эҷодиёти Чингиз Айтматов.<br>9. Мавзӯъҳои муштарак ва абадӣ дар адабиёти умумҷаҳонӣ.<br>10. Мавзӯъ ва мундаричаи асарҳои адибони Юнони қадим.<br>11. Робитаҳои адабии Шарқ бо Юнону Рим.<br>12. Эпосҳои халқии дунё ва хусусиятҳои типологии онҳо.<br>13. Намояндагони адабиёти давраи Эҳё дар Аврупо.<br>14. Характер ва зиддият дар фоҷеаномаҳои Шекспир.<br>15. Асари Боккаччо «Декамерон» ва насри ривоятии Шарқ.<br>16. Асари Даниел Дефо «Робинзон Крузо» - қиссаи саргузаштӣ.<br>17. Адабиёти маърифатпарварӣ дар Аврупо ва хусусиятҳои он тамоюлоти муштараки адабиёти маорифпарварии халқҳои дунё.<br>18. Лирикаи Байрон ва мотивҳои шарқӣ дар он.<br>19. Мазмун ва мундаричаи рубоиёти халқӣ.<br>20. Ҳолати имрӯзаи илми фолклоршиносии точик.<br>21. Хусусиятҳои асосии драмаҳои халқӣ.<br>22. Мавқеи «Девони Мағрибу Машриқӯ» дар эҷодиёти Гёте.<br>23. Таъсирпазирии Гёте аз адабиёти Шарқ.<br>24. Тазоҳури тимсолҳои шарқона дар осори Гёте<br>25. Балзак ва адабиёти тоҷик.<br>26. Ги де Мопассан – новелланавис.<br>27. Ақидаҳои инсонпарварӣ дар эҷодиёти Томас Манн.<br>28. Мавзӯъ ва ғояи асари Марк Твен «Шоҳзода ва гадо». |

| | |
|---|---|
| | 29.Муштаракӣ дар адабиёти халқҳои славяни шарқӣ.<br>30.Марҳилаҳои инкишофи адабиёти рус.<br>31.Лирикаи Пушкин ва адабиёти тоҷику ўзбек.<br>32.Лев Толстой ва тарзи тасвири реалистӣ дар осори вай.<br>33.Толстой ва маърифатпарварони Осиёи Марказӣ.<br>34.Антон Чехов - ҳикоянавис.<br>35.Мавзўъ ва ғояи достони Тарас Шевченко «Катерина».<br>36.Марҳилаҳои тараққиёти адабиёти белорус.<br>37.Лирикаи Фузулӣ.<br>38.Маърифатпарварони Озарбойҷон.<br>39.Мавзўъ ва ғояи мазҳакаҳои Мирзо Фатҳалӣ Охундов.<br>40.Таҳлили ғоявй – бадеии асари Ованес Туманян - «Ануш».<br>41.Мавқеи асари Шота Руставели «Палангинапўш» дар адабиёти гурҷӣ.<br>42.Маънои ҳаёти инсон дар романи Нодар Думбадзе «Бақои зиндагӣ».<br>43.Мавзўи Ватан ва ватандўстӣ дар эҷодиёти Расул Ҳамзатов.<br>44.Мавзўъ ва жанрҳои муштарак дар адабиёти халқҳои Осиёи Марказӣ.<br>45.Адабиёти панду насиҳатии туркман.<br>46.Романнависони туркман.<br>47.Маърифатпарварони қазоқ.<br>48.Мавзўъ ва ғояи достонҳои Абай.<br>49.Роман – эпопеяи «Абай» – қомуси таърихи халқи қазоқ.<br>50.Сегонаи «Мактаби ҳаёт» – и Собит Муқанов – романи тарҷимаиҳолӣ.<br>51.«Манас» ва эҷодкорони он.<br>52.Хусусиятҳои ба худ хоси насри Чингиз Айтматов.<br>53.Муаммоҳои умумбашарӣ ва талқини он дар романи «Қиёмат».<br>54.Муносибати гузашта, имрўз ва фардо дар романи «Дуроҳаи бўронӣ».<br>55.Мавзўъ ва мундаричаи сегонаи Т.Қаипбергенов «Достони қароқалпоқ».<br>56.Мутолиаи даҳ асар аз осори адибони машҳури Аврупо ва Америка.<br>57.Мутолиаи даҳ асар аз осори адибони халқҳои ҳамдўстӣ.<br>**Таълими мустақилона ва корҳои мустақилона**<br>**(Адабиёти халқҳои эронӣ)**<br>1. Самтҳои инкишофи адабиёт дар аҳди Сафавия.<br>2. Ривоҷи адабиёти шаҳру доираҳои ҳунармандӣ дар аҳди Сафавия.<br>3. Ташаккули сабки нави адабӣ дар аҳди Сафавия.<br>4. Мактаби адабии Исфаҳон ва наҳзати «бозгашти адабӣ».<br>5. Ҷунбиши тараққихоҳӣ ва таҷаддудгароӣ дар Эрон<br>6. Ҷунбиши тараққихоҳӣ ва таҷаддудгароӣ дар Афғонистон.<br>7. Андешаҳои тараққихоҳӣ дар нимаи дуюми асри Х1Х.<br>8. Парвин Эътисомӣ ва мақоми маснавӣ дар эҷодиёти ӯ<br>9. Муҳаммадтақӣ Баҳор - шоири истиқлолҷӯи Эрон<br>10.Афкори озодихоҳӣ ва истиқлолиятҷӯӣ дар назми маорифпарварӣ ва машрутахоҳии Эрон. |

| | |
|---|---|
| | 11. Ашъори тоинқилобии Абулқосим Лоҳутӣ<br>12. Ашъори инқилобии Абулқосим Лоҳутӣ<br>13. Аҳамияти ашъори Эраҷ Мирзо дар адабиёти Эрони оғози асри ХХ<br>14. Андешаҳои тараққихоҳӣ дар насри форсии нимаи дуюми асри Х1Х.<br>15. Жанрҳои мунозираю саёҳатнома дар адабиёти маорифпарварии Эрон.<br>16. Маҳмуди Тарзӣ ва саҳми ӯ дар инкишофи адабиёти муосири Афғонистон<br>17. Фаъолияти адабии Абдураҳим Толибов.<br>18. “Китоби Аҳмад” – асари мунозиравӣ<br>19. Фаъолияти адабии Зайнулобиддини Мароғаӣ.<br>20. Назми маорифпарварии Афғонистон ва мазмуну мундариҷаи ғоявии он.<br>21. Тамоюлҳои нави инкишоф дар назми муосири Эрон ва Афғонистон.<br>22. Нимо Юшиҷ ва масъалаи ташаккули шеъри нави Эрон<br>23. Гуманизми баланд дар ашъори Сӯҳроби Сипеҳрӣ<br>24. Аҳмади Шомлу асосгузори шеъи сафеди форсӣ<br>25. Фурӯғи Фаррухзод ва инкишофи шеъри зан дар адабиёти муосири Эрон<br>26. Мавзӯъҳои доғи шеъри муосири Афғонистон<br>27. Омилҳои инкишофи назми форсизабон дар шибҳи қора.<br>28. Муҳаммад Иқбол асосгузори адабиёти маорифпарварӣ дар Покистон<br>29. Мундариҷаи ғоявии “Асрори худӣ”-и Иқболи Лоҳурӣ<br>30. Симини Донишвар намояндаи насри муосири Эрон.<br>Аз рӯи корҳои мустақилона ба донишҷӯён навиштани<br>Навиштани кори мустақилона дар бораи хоссаҳои асосии фаъолияти эҷодии адибони дунё. Аз рӯи мавзӯъҳои мустақилона ба донишҷӯён навиштани реферат ва гузаронидани тақдимот тавсия карда мешавад. |
| 3 | **III. Натиҷаҳои омӯзонидани фан (компетенцияҳои ташаккулёбанда)**<br>Донишҷӯ дар натиҷаи азхудкунии фан:<br>• ба давраи қадимтарин мансуб будани фолклори тоҷик ва омилҳои ташаккул ва таҳаввули он, намунаҳои осори давраи қадим, асрҳои миёна ва нави фолклори тоҷик, миф, асотир, ривоят ва сурудҳои қадима ва монандиҳои он бо эҷодиёти даҳанакии халқҳои дигар, маълумот дар бораи таърихи пайдоиш ва инкишофи фолклоршиносии ҷаҳон, аз он ҷумла фолклоршиносии тоҷик, бобати муайян намудани равия, ҷараён ва услубҳои эҷодии шоирони халқии тоҷик ва мавқеи онҳо дар инкишофи адабиёт ба ***тасаввурот ва дониш соҳиб бошад;***<br>• хусусияти жанрии фолклори тоҷик, фарқ карда тавонистан ва шарҳу эзоҳ додани ҳар як жанри эҷодиёти даҳанакии халқ, пайдоиш ва инкишофи жанрҳои фолклориро бакалавр бояд донад, доир ба типологияи жанрҳои асримиёнагии эҷодиёти даҳанакии халқ, эҷодиёти даҳанакии халқ ва адабиёти хаттӣ, эпоси гӯрӯғли ва мактаби гӯрӯғлихонӣ, намунаҳои эҷодиёти даҳанакии халқи ҳозирaро донад ва ***ба маҳорати аз онҳо истифода намудан соҳиб бошад;*** |

| | |
|---|---|
| | • доир ба фолклори маросимӣ, мавқеи асарҳои фолклорӣ дар ташаккули тафаккури миллӣ пайваста бо ғояҳои истиқлоли миллӣ, дар бораи хусусиятҳои асосии эҷодиёти даҳанакии халқии водиҳо, хусусияти жанрии фолклори тоҷик, фарқ карда тавонистан ва шарҳу эзоҳ додани ҳар як жанри эҷодиёти даҳанакии халқ, пайдоиш ва инкишофи жанрҳои фолклориро бакалавр бояд донад ба ***малакаи муайян соҳиб бошад.*** |
| 4 | **IV. Методҳо ва технологияҳои таълим:**<br>• маърузаҳо<br>• кейс-стадиҳои интерфаъол;<br>• семинар (мантиқан фикр кардан, саволу ҷавоби тезкор);<br>• машғулоти амалӣ ва семинар тренингҳо;<br>• бо гурӯҳҳо кор кардан;<br>• тақдимот намудан;<br>• лоиҳаҳои индивидуалӣ;<br>• ассисментҳо;<br>• лоиҳаҳо барои ҳимоя кардан ва бо ҷамоа кор кардан. |
| 5 | **V. Талаботи барои гирифтани кредитҳо:**<br>Пурра аз худ намудани масоили мухталиф ва мафҳумҳои назарӣ ва амалии фан, дуруст баррасӣ намудани натиҷаҳои таҳлил, иҷро намудани супоришот ва вазифаҳо дар шаклҳои назорати ҷорӣ, марравӣ ва ба тарзи мустақилона фаъолият доштан ва иҷро намудани ин тарзи кор доир ба ҷараёни омӯзиш, аз рӯи назорати ниҳоӣ супоридани кори хаттӣ, супоришоти тестӣ ва назоратҳои ассисментӣ. |
| 6 | **Адабиётҳои асосӣ**<br>1. С.Хӯҷақулов, Н.Қаюмов. Таърихи адабиёти ҷаҳон. – Самарқанд: СамДУ. 2020. 476 саҳ.<br>2. А. Қамарзода. Таърихи адабиёти ҷаҳон. (Адабиёти халқҳои славянии шарқӣ), Самарқанд,СамДУ, 2003<br>3. А.Қамарзода.Таърихи адабиёти ҷаҳон. (Китоби 2) Самарқанд: СамДУ, 2006<br>4. А.Қамарзода.Таърихи адабиёти ҷаҳон. (Китоби 3) Самарқанд: СамДУ, 2007<br>5. А.Ахмедов. Чет эл адабиёти тарихи. (ўқув қўлланма). –Тошкент: 2007.<br>6. Дадабоев М. Адабиёти халқҳои эронӣ. – Самарқанд, 2002.<br>**7.** Р.Ҳодизода, У.Каримов, С.Саъдиев. Адабиёти тоҷик. Асрҳои XYI-XIX ва ибтидои асри XX. (Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ). – Душанбе: Маориф, 1988.<br>**8.** Ҳазраткулиён Д. Адабиёти халқҳои эронӣ. – Самарқанд, 2017<br><br>**Адабиёти иловагӣ**<br>1. Айтматов Ч. Дуроҳаи бӯронӣ, - Душанбе: 1985.<br>2. Айтматов Ч. Нахустин устод, - Душанбе: 1988. |

| | |
|---|---|
| | 3. Айтматов Ч. Эхо мира, - Москва: 1985.<br>4. Қаюмов О. Чет эл адабиёти, - Тошкент: 1979.<br>5. Азизов Қ, Қаюмов О. Чет эл адабиёти тарихи, - Тошкент:1987.<br>6. Неупокоева И. Г. История всемирной литератури, - Москва: 1976.<br>7. Камаров А. Взаимосвязь литератур народов Средней Азии и Казахстана, - Тошкент: 1987.<br>8. С.Артаманов,З.Гражданская. История античной литератури.- Москва: 1972.<br>9. История русской литератури XX века, - Москва:1970<br>10. История литератур народов Средней Азии и Казахстана, М, 1980.<br>11. **Б**арамидзе А.Г., Гемезардашвили Д.М. Грузинская литература, - Тбилиси: 1968.<br>12. Ғамзатов Р. Доғистони ман. - Душанбе:1984.<br>13. Думбадзе Н, Ман, бибиам, Илико ва Иларион, - Душанбе:1988,<br>14. «Жаҳон адабиёти» журнали, 1997- 2019.<br>15. Лермонтов М. Ю. Осори мунтахаб. - Душанбе:1981.<br>16. Мирзо Фатали Охундов, Танланган асарлар, - Тошкент:. 1963.<br>17. Муҳаммад Фузулий, Асарлар, икки жилдлик, - Тошкент: 1968.<br>18. Манас, эпоси халқи қирғиз, - Душанбе: 1982.<br>19. Абдулҳусайн Зарринкӯб. Аз гузаштаи адабии Эрон, 1975.<br>20. Асозода Худойназар. Адабиёти форсӣ ва се шохаи он. – Душанбе: Маориф, 1991.<br>21. Бертельс Е.Э. История литературы и культуры Ирана. Избранные труды.- Москва, 1988, с.437-518.<br>22. Беранги Кӯҳдоманӣ. Тулӯъи сабзи шукуфтан. – Душанбе, 1991.<br>23. Ваҳшии Бофақӣ. Баргузидаи ашъор. – Теҳрон, 1369, 46с.<br>24. Гулчине аз осори Урфии Шерозӣ.-Шарқи Сурх,1963,№ 11, с.73-80.<br>25. Лоҳутӣ. Гулбонги навҷавонӣ. Д.: Ирфон, 1992, 144 с<br>26. Маҳмуди Тарзӣ, Ғазалиёт. Мунтахаби наср. Мустағнӣ. Ғазалиёт. – Душанбе, 1992, 256 с.<br>27. Муҳаммад Исмоили Сиёҳ. Саг ва шағол. Душанбе,1989.128 с.<br>28. Муллоаҳмадов М. Фурӯғии Бастомӣ ва ғазалиёти ӯ. – Душанбе, 1987,88 с.<br>29. Муллоаҳмадов М. Қоонии Шерозӣ(Ҳаёт ва эҷодиёт). – Душанбе, 1992,160 с.<br>30. Муҳаммад Иқбол.Пайғоми Шарқ. Д.: Адиб, 1987, 320 с.<br>31. Маҳмуди Тарзӣ. Ғазалиёт.Мунтахаби наср. Д.: Адиб, 1992<br>32. Нозими Ҳиротӣ. Осори мунтахаб. – Душанбе, 1987, 400 с.<br>33. Маҳҷуб М. Сабки хуросонӣ дар шеъри форсӣ. – Теҳрон, 1345.<br>34. Мусулмонқулов Р. Саҷъ ва сайри таърихии он дар наср тоҷик. – Душанбе: Ирфон, 1970. – 218с.<br>35. Панҷ садо. (Ашъори шоирони баргузидаи Эрон) Д.: Боргоҳи сухан, 2008, 188 с.<br>36. Ризаев З.Г.Индийский стиль в поэзии на фарси конца ХУ1-ХУ11 вв. – Ташкент: Фан, 1971. – 219с. |

| | |
|---|---|
| | 37. Сафо Ф. Сабкҳои адабӣ. – Теҳрон, 1337.<br>***38.*** Шукуров Ш. Муҳаммадали Сойиб шеър ва шоирлик ҳақида. Маҷаллаи «Сино», 2005, 18 (нашрияи Сафоратхонаи Эрон дар Тошканд).<br>39. Ғоибов М. Аз таърихи равшангирии Тоҷикистон ва Афғонистон. – Душанбе,1979, 208 с.<br>40. Як сарзамин муҳаббат. (Намунаҳои шеъри сад соли охири Афғонистон). – Душанбе: Адиб, 2005, 249 с.<br><br>**Манбаъҳои ахборӣ - интернетӣ:**<br>1. www.ZiyoNet.uz<br>2. www.wekopedia.tj<br>3. ziyonet.uz›ru/people/abdurauf–fitrat<br>4. http://www.kmt.tj/tarihi-adabiyoti-chakhon-ovidiy-43-milod-18-milodi.<br>5. http://e-adabiyot.uz/jahon/jahon-adabiyoti-tarixi/266-evropa-amerika.html<br>6. https://qdpi.dist.edu.uz/course/info.php?id=2002&lang=uz<br>7. https://www.google.com/search?ei=wZsSX-lcp=CgZwc3ktYWIQAzoLCC4QsQ<br>8. http://library.tersu.uz/kitoblar/aralash/XX_asr_chet_el_adabiyoti_tarixi.pdf<br>9. http://e-adabiyot.uz/jahon/jahon-adabiyoti-tarixi/310-antik.html<br>10. http://e-adabiyot.uz/jahon/jahon-adabiyoti-tarixi/182-uygonish-davri-adabiyoti.html<br>11. https://www.google.com/search?ei=MJwSX-<br>12. https://aoka.uz/article/3gmpj1rim3zd-rus-adabiti-durdonalari-100-zhildlik-mazhmuaning-dastlabki-16-zhildi-nashrdan-chidi<br>13. www.ZiyoNet.uz<br>14. www.wekopedia.tj |
| 7 | Дастури фан ______________ соли 2021 тахти баённомаи рақами ___ дар шӯъбаи таълимӣ-услубии Донишгоҳи давлатии Самарқанд маъқул шудааст. |
| 8 | **Масъулон ба фан/модул:**<br>С.Хӯҷақулов – номзади фанҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забон ва адабиёти тоҷики ДДС<br>Д.Ҳазратқулиён - номзади фанҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забон ва адабиёти тоҷики ДДС |
| 9 | **Муқарризон:**<br>Ҷ. Ҳамроев - доктори фанҳои филологӣ, мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷики ДДС<br>Д.Бабаева - номзади фанҳои филологӣ, дотсенти ДТС |

**Кафедра мудири:** проф. Ч.Ҳамроев

**Кенгаш раиси:** проф. А.Пардаев

**"Тасдиқлайман"**
**СамДУ ўқув ишлари бўйича проректори:**
**__________А.С.Солеев**
**«24» августа 2021 йил**